# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзаводкорӣ пешниҳод гардидааст**

**Мубрамии мавзуи тадкиқоти диссертатсионӣ.** Беҳтарнамоии сабади истеъмолии мардуми мамлакат бо маҳсулоти хӯрока, ки амалисозии ҳадафи сеюми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Таъмини амнияти озуқаворӣ» мебошад, аз пешбурди соҳаи кишоварзӣ бо дарназардошти риояи технологияи муосири парвариш, нигоҳдорӣ ва коркарди зироатҳои кишоварзӣ вобастагии калон дорад.

Дар Тоҷикистон таъмин намудани аҳолӣ бо озуқаворӣ ва махсусан маводҳои сабзавотии тару тоза яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Зиёд кардани истеҳсоли маводҳои ғизоӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ ва босуръат зиёд шудани шумораи аҳолӣ боз ҳам масъалаи ҳаётӣ ва рӯзмарра маҳсуб меёбад. Бинобар ин, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ бояд аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои саҳроӣ бо роҳи истифодаи навъҳои нави серҳосил ва мукаммалгардонии технологияи парвариш амалӣ гардонида шавад.

Бехпиёз дар байни зироатҳои сабзавотӣ, яке аз зироатҳои муҳим ва арзишноки соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои охир масъалаи зиёд намудани истеҳсоли бехпиёз ва таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо ин маҳсулоти пурарзиш, яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба шумор меравад. Дар сурати кам истеҳсол намудани бехпиёз, норасогии зиёди он дар фасли зимистону аввали баҳор ба назар мерасад. Махсусан, дар даврае, ки захираҳои он дар анборхонаҳо ба охир мерасад ва ҳосили нав то ҳол пухта нарасидааст. Дар чунин ҳолат барои таъминоти аҳолии мамлакат ҳазорҳо тонна пиёз аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, дар баробари парвариши помидор, бодиринг, барои бехпиёз, тахминан 30-40 %- и заминҳои зироатҳои сабзавотӣ ҷудо карда мешавад.

Бо гузаштани иқтисодиёти кишоварзӣ ба муносибатҳои бозорӣ ва дигаргуншавии сохтори хоҷагидории кишоварзӣ, таъминоти ҷумҳурӣ бо пиёзи истеҳсоли ватанӣ нисбатан кам гардида истодааст. Сабаби асосии он, пеш аз ҳама кам гардидани майдонҳои кишт, паст шудани

ҳосилнокии бехпиёз, назорати нодурусти сифати маҳсулот ва нигоҳдории он дар анборхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва истеҳсоли маҳсулоти бехпиёз, пеш аз ҳама бо роҳи интихоби навъҳои пурмаҳсули аз ҷиҳати экологӣ тоза, таҳияи технологияи мукаммалгардонидашудаи парвариш, махсусан, истифодаи нуриҳои маъданӣ ва органикӣ амалӣ гардонида мешавад.

Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич соли 2009 ба факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дохил шуда, соли 2013 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси агрономӣ хатм намудааст. Ҳамзамон соли 2013 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси агроэкология дохил шуда, соли 2015 зинаи мазкурро хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, №320 аз 11-уми декабри соли 2015 ба ҳайси докторант (PhD) -и шуъбаи рӯзона аз рӯйи ихтисоси 6D080101-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дохил шуда, онро соли 2018 хатм намудааст.

Пас аз хатми докторантураи (PhD) дар вазифаҳои муовини декани факултети агрономӣ (эдвайзер) то соли 2021, ассистенти кафедраи ботаника ва экологияи кишоварзӣ фаъолият кардааст. Аз соли 2023 то ба имрӯз дар вазифаи ҷонишини декани факултети агрономӣ оид ба тарбия фаъолият менамояд.

Кори диссертатсионии Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавоткорӣ аз муқаддима, 5 боб, 21 параграф, хулоса, тавсияҳо барои истеҳсолот, рӯйхати адабиёти истифодашуда 279 номгӯй, аз ҷумла 12 номгӯи адабиёти хориҷӣ ва дар маҷмуъ 149 саҳифаи матни компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи тадқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи тадқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Шарҳи адабиёт», ки аз 3 зербоб иборат аст, бо истифода аз мутолиа ва таҳлили 279 номгӯи адабиёт, аз ҷумла 12 номгӯи адабиёти хориҷӣ оид ба аҳамияти бехпиёз ва ҳудуди паҳншавии он, хусусиятҳои агрокимиёвии хок вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ,

таъсири нуриҳои маъданӣ ба ташаккулёбӣ, ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз маълумот пешниҳод карда шудааст. Дар асоси таҳлили адабиёт тадқиқотҳои олимон нишон дод, ки ҳосилнокии ин зироати сабзавотӣ дар мамлакату минтақаҳо гуногун буда, бисёртар он аз омилҳои хокию иқлимӣ, агротехникаи парвариш, истифодаи меъёри нуриҳои маъданӣ ва ғайра вобастагӣ дорад. Умуман, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки ақидаи олимон бо ҳам мувофиқ меоянд. Доир ба масъалаи технологияи парвариши бехпиёз маълумотҳои мухолиф вуҷуд надоранд.

Аз шарҳи адабиёти илмӣ ҳамчунин маълум мегардад, ки доир ба масъалаи таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз маълумотҳо нокифоя мебошанд. Бинобар ин, мақсади тадқиқоти диссертатсионии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич аз тадқиқу омӯзиш ва илман асоснок намудани таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон иборат аст.

Дар боби дуюм «Шароит, усул ва макони гузаронидани тадқиқот», ки аз 4 зербоб иборат аст, оид ба шароити хокию иқлимии Ҷанубу Ғарбии Тоҷикистон, усулҳои амалигардонии тадқиқот, тавсифи навъҳои омӯхташаванда, шароити агротехникии амалигардониии таҷрибаҳо маълумот дода шудааст. Бо истифода аз маълумотҳои иқлимӣ (ҳарорати ҳаво ва боришот) аз пойгоҳи обуҳавосанҷии шаҳри Кӯлоб дар солҳои тадқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шудааст, ки иқлими минтақаи мазкур барои парвариши пиёз хеле мусоид аст.

Ҳамзамон тавсифи хоки минтақаи тадқиқот, яъне хокҳои хокистарранги муқаррарӣ маълумот дода шуда, бо гузаронидани ташхиси агрохимиявии намунаҳои хок муайян намудааст, ки хоки қитъаи таҷрибавӣ аз моддаҳои ғизоӣ, аз ҷумла гумус, нитрогени маъданӣ (ионҳои аммоний ва нитрат), калийи ивазшаванда ва фосфори фаъол таъминнокии пастро доранд.

Таҷрибаи саҳроӣ дар заминҳои обии Кооперативи тиҷоратии «Сайид Алии Ҳамадонӣ»-и шаҳри Кӯлоб бо гузоштани таҷрибаи 1 иборат аз 5 вариант (назоратӣ (бе нурӣ) ва истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданӣ) ва таҷрибаи 2 бошад аз 10 вариант (назоратӣ (бе нурӣ) ва истифодаи меъёрҳои гуногуни поруи органикӣ 10, 20 ва 30 т/га ва истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданӣ) дар ду муҳлати кишт (баҳорӣ ва тирамоҳӣ) амалӣ карда шудааст.

Ба сифати объекти тадқиқот навъҳои бехпиёзи ноҳиябандишудаи «Испанӣ -313» ва «Ҳисорӣ» интихоб ва тавсифи онҳо пурра навишта шудааст.

Агротехникаи парвариш ва гузаронидани мушоҳидаҳои фенологию биометрӣ, ташхиси агрохимиявии хок, биохимиявии бехпиёз ва сифати молии он тибқи усулҳо ё методҳои умумиэътирофгардида гузаронида шудааст.

Дар боби сеюм «Нашъунамо ва ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ», ки аз 5 зербоб иборат аст, оид ба давраи ташаккулёбӣ ва нашъунамои бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ, таъсири муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ ба нишондодҳои биометрии бехпиёз, ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва истифодаи меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданӣ, таркиби биокимиёвии бехпиёз вобаста аз меъёри нуриҳои маъданӣ, таъсири меъёрҳои нуриҳои маъданӣ ба баромади сифати маҳсулот ва талафёбии бехпиёз дар вақти нигоҳдорӣ дар сардхона аз натиҷаҳои ба даст овардаи тадқиқот маълумот дода шудааст.

Муайян намудааст, ки давомнокии давраи ташаккулёбӣ ва нашъунамои бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» дар шароити обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон аз кишт то пухтарасӣ вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ дар кишти баҳорӣ ба 159 - 170 рӯз, дар кишти тирамоҳӣ ба 247 - 256 рӯз ва навъи «Испанӣ -313» дар кишти баҳорӣ ба 173 то 182 рӯз баробар шудааст.

Массаи аз ҳама зиёди як растанӣ, массаи бехпиёз ва шумораи баргҳо дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳии навъи «Ҳисорӣ» дар вақти истифодаи меъёри нуриҳои маъданӣ-$N_{240}P_{90}K_{90}$ мушоҳида гардид. Дар ин варинат баъд аз 140 рӯзи нашъунамо массаи як растанӣ нисбат ба 60 рӯзи ташаккулёбӣ ба 71,4 г., массаи бехпиёз ба 68,6 г. ва шумораи баргҳо ба 30 дона зиёд гардидааст.

Ҳосили баланди бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» дар кишти баҳорӣ ба ҳисоби миёна (55,8 т/га) ва дар кишти тирамоҳӣ ( 44,6т/га ) дар вақти истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёрӣ $N_{240}P_{90}K_{90}$ ба даст оварда шудааст. Ҳосили иловагӣ дар ин ҳолат дар кишти баҳорӣ нисбат ба варианти назоратӣ ба 30,2 т/га ё 117,7 % ва дар кишти тирамоҳӣ ба 26,1 т/га ё 141,4 % зиёд гардидааст.

Дар таркиби бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» вобаста аз вариантҳои омӯзишӣ моддаи хушк аз 13,4 то 11,5 %; миқдори қанд аз 8,45 то 7,20 % ; витамини С аз 7,9 то 9,4% ; захирашавии нитратҳо аз 61,0 то 75,4 мг/кг ва дар таркиби навъи «Испанӣ -313» моддаи хушк аз 11,9 то 10,4 %; миқдори қанд аз 6,85 то

6,52%; витамини С аз 7,23 то 8,10 % ; захирашавии нитратҳо аз 63,4 то 76,8 мг/кг ҳосил шудааст.

Баъд аз 7 моҳи нигоҳдорӣ дар ҳарорати -1+4 ва дар намнокии 70-75% дар сардхона баромади сифати молии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» вобаста ба вариантҳо аз 80,5% (дар варианти назоратӣ) то 75,3 % ($N_{240}P_{120}K_{90}$) ва навъи «Испанӣ -313» аз 81,7 % ( назоратӣ) то 72,9 % ($N_{240}P_{120}K_{90}$) ба қайд гирифта шудааст. Дар ин ҳолат талафёбии умумӣ вобаста ба вариантҳои омӯзишии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» аз 19,5 то 24,7 % ; талафот аз ҳисоби вазн аз 5,0 то 7,8 %, касалиҳо аз 9,6 то 11,5 % сабзиш аз 4,9 то 5,4 % ва навъи «Испанӣ -313» мутаносибан аз 18,0 то 27,1 %; 5,1 то 8,0 %; 8,0 то 13,4 %; 4,8 то 6,0 % - ро ташкил додааст.

Дар боби чорум «Ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ», ки аз 6 зербоб иборат аст, оид ба таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ташаккулёбӣ, нашъунамо ва нишондодҳои биометрии сохтори ҳосили зироати бехпиёз, ҳосилнокии зироати бехпиёз ва таркиби кимиёвии он вобаста аз таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ, баромади сифати молӣ ва талафёбии бехпиёз дар амборхона вобаста аз таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ, таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба самаранокии иқтисодии парвариши бехпиёз, санҷиши истеҳсолӣ ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот маълумот оварда шудааст.

Аз натиҷаҳои илмии ба даст омада муайян карда шуд, ки меъёр ва таносуби истифодаи меъёри нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба фарорасӣ ва давомнокии давраҳои тараққиёти бехпиёз таъсири назаррас мерасонад. Давраи нашъунамо аз кишт то пухтарасии ҳосили бехпиёз дар варианти назоратӣ 149 рӯз, дар вариантҳои истифодаи 10-20-30 т/га пору 151-156 рӯз ва дар вақти якҷоя истифода намудани 10, 20, 30 т/га нуриҳои органикӣ ва дар заминаи он пошидани нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{60}$ $P_{40}$ $K_{30}$ ва $N_{120}$ $P_{80}$ $K_{60}$ аз 153 то 161 рӯз давом кардааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ аз 4 то 12 рӯз дертар пухта расидааст.

Таҳлили нишондодҳои биометрии сохтори ҳосил пеш аз ҷамъоварӣ нишон дод, ки дар варианти назоратӣ баъд аз 140 рӯзи сабзиш, массаи як растанӣ баробар ба 44,7 г, массаи бехпиёз ба 35,9 г ва шумораи баргҳо ба 4,7 дона ва дар вақти истифодаи 10,20,30 т/га пору (заминаи 1,2,3) мутаносибан ин нишондодҳо нисбат ба варианти назоратӣ аз 12,4 г, 5,8 г, 0,8 д. то 28,6 г, 32,0 г. ва 6,5 д. зиёд гардидаанд. Аз ҳама нишондодҳои биометрии бо сифати сохтори ҳосил дар варианти истифодаи 30 т/га пору ва бар замми он пошидани нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{120}P_{60}K_{60}$ ба вуҷуд омадааст.

Дар ҳама давраҳои ташаккулёбӣ ва нашъунамои бехпиёз аз ҳама бисёртар миқдори моддаи хушк аз 10,0 то 12,5 % дар варианти истифодаи 30 т/га нурии органикӣ + $N_{120}P_{80}K_{60}$ ба вуҷуд омадааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ, мутаносибан аз 3,4 то 3,6 % ва нисбат ба варианти истифодаи 30 т/га пору аз 1,2 то 1,7 % зиёд ҳосил шудааст.

Ҳосили баланди бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» дар вақти истифода намудани 30 т/га нурии органикӣ ва бар замми он андохтани нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{60}P_{40}K_{30}$ ва $N_{120}P_{80}K_{60}$ ба даст оварда шудааст.

Дар байни вариантҳои омӯхта шуда аз ҳама зиёд талафёбии баъд аз 7 моҳи нигоҳдорӣ дар ҳарорати - 1+4 С, намнокӣ 70-75% дар вақти истифодаи 30 т /га нурии органикӣ ва андохтани $N_{120}$ $P_{80}$ $K_{30}$ ба қайд гирифта шуд. Дар ин вақт талафёбии умумӣ 24,0%, талафот аз ҳисоби гум кардани вазн 6,2; аз касалиҳо 12,9% ва аз сабзиш 4,9%-ро ташкил дод, ки нисбат ба варианти назоратӣ (бе нурӣ) мутаносибан ба 6,1; 0,7; 5,0; 0,4% зиёд.

Самаранокии баланди иқтисодии бехпиёзи навъи «Ҳисорӣ» ва «Испанӣ -313» дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар вақти истифодаи меъёри нурии маъданӣ – $N_{240}$ $P_{120}$ $K_{90}$ ба даст оварда шудааст. Нисбат ба варианти назоратӣ дар кишти баҳорӣ арзиши аслии маҳсулот ба 60400 сомонӣ, даромади соф ба 53688 сомонӣ, сатҳи даромаднокӣ ба 130,4% зиёд гардида, арзиши аслии як сентнер маҳсулот ба 26,9 сомонӣ паст шудааст ва дар кишти тирамоҳӣ бошад мутаносибан баробар 65250; 58501 сомонӣ; 142,9%; 22,7 сомонӣ.

Дар байни вариантҳои омӯзишӣ, самаранокии аз ҳама баланди иқтисодии парвариши бехпиёз дар вақти якҷоя истифода намудани 30 т/га пору + $N_{120}P_{80}K_{60}$ ба даст оварда шудааст. Дар ин ҳолат даромади софи бехпиёз ба 60257 сомонӣ, сатҳи даромаднокӣ ба 154,7% ва арзиши аслии як сентнер маҳсулот ба 39,3 сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба варианти назоратӣ мутаносибан ба 45782 сомонӣ, 106,7% ва 28,6 сомонӣ зиёд мебошад.

Дар боби панҷум «Баррасии натиҷаҳои тадқиқот» натиҷаҳои ба дастовардашудаи тадқиқот пурра баррасӣ карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии тадқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ – амалӣ ва методию таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои Кулиев дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавоткорӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавоткорӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Мушовири илмӣ: доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ, профессори кафедраи
растанипарварии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур Набиев Т.Н.

« 18 » сентябри соли 2024

Суроға:734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Телефон: 93 -503-52-18

Имзои Набиев Т.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Телефон: 901-31-00-75

« 18 » сентябри соли 2025